# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ТАШХИС

оид ба диссертатсияи Каримов Самариддин Раҳматуллоевич дар мавзуи “Таҳлили лингвокултурологии лексикаи ҷавоҳирот ва сангҳои қиматбаҳо дар асоси осори хаттии забони адабии тоҷикии асрҳои X-XII” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2023. -186 с.

Диссертатсияи Каримов Самариддин Раҳматуллоевич фарогири масъалаҳои забонӣ-фарҳангӣ, маъноиву сохторӣ ва этимологии лексикаи ҷавоҳирот ва сангҳои қиматбаҳо дар осори хаттии асрҳои X-XII-и форсии тоҷикӣ мебошад.

Муаллиф дар диссертатсия мавзуъҳои луғавӣ-маъноӣ, сохтори морфологии вожаҳо, баромади вожагони ҷавоҳирот ва сангҳои қиматбаҳо, ҳамбастагии ин гурӯҳи вожаҳо бо расму ойин ва фарҳанги миллӣ баррасӣ гардида, масъалаҳои шинохти вожаҳои ин гурӯҳи лексикиро дар осори хаттии асрҳои X-XII-и форсии тоҷикӣ равшан менамояд.

Навгониҳои таҳқиқ, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст дар забоншиносии тоҷик хусусиятҳои маъноӣ, сохторӣ ва этимологии вожагони ҷавоҳирот ва сангҳои гаронбаҳо дар осори илмиву адабии садаҳои X-XII таҳқиқ гардида, дараҷаи корбурди онҳо мушаххасан нишон дода шудааст.

Дар баробари ин, бори аввал дар таҳқиқи мазкур нуктаҳои зерин баррас шудааст:

1. Дар осори адабии тоҷикии асрҳои X-XII гурӯҳҳои лексикии таркиби луғавии забони тоҷикӣ, ки ҳанӯз мавриди омӯзиш қарор нагирифтаанд, зиёд аст ва лексикаи ҷавоҳирот ва сангҳои қиматбаҳо (минбаъд ЛҶСҚ) як бахши муҳимми онҳо ба ҳисоб меравад.
2. ЛҶСҚ бо вижагиҳои маъноии асливу маҷозии худ аз гурӯҳҳои дигари вожаҳо аз нигоҳи семантика тафовути куллӣ доранд ва дар дохили матн дар ҳамнишинӣ бо дигар воҳидҳои луғавӣ маъниҳои нав ва тобишҳои гуногунро ба вуҷуд меоранд.
3. Бовару эътиқодҳои мардумӣ дар мавриди сангҳои гаронбаҳо, ба ҳаёти рӯзмарраи мардум вобаста гардидани бархе аз онҳо сабаб гардидааст, ки ин гурӯҳи вожаҳо дар забони адабии тоҷикии ин давра серистеъмол шуда, андешаҳои одамонро бо падидаҳои устуравӣ ва диниву фарҳангӣ пайванд созанд ва дар ин замина боиси пайдоиши тобишҳои нави маъноии ин гурӯҳи вожаҳо гарданд.
4. Мавқеи ЛҶСҚ дар раванди калимасозӣ нишон дода шудааст.

5. Як қисми ЛҶСҚ-и осори хаттии тоҷикии асрҳои X-XII-ро вожагони мансуб ба филизоти гаронарзиш ташкил додаанд, ки онҳо дар дохили матн баъзан бо ҷавоҳирот ва сангҳои қиматбаҳо дар як майдони маъноӣ қарор гирифтаанд.

6. Муайян кардани этимологияи ЛҶСҚ ва нишон додани вижагиҳои онҳо ҳангоми иқтибосшавӣ.

Таҳқиқи мавзуъ бар пояи усули таҳлили синхронӣ анҷом дода шудааст. Дар мавридҳои зарурӣ аз усулҳои маъмули таҳқиқи илми забоншиносӣ ба монанди таҳқиқи муқоисавӣ-таърихӣ, усули омории таҳқиқот, усули контент-таҳлил истифода гардидааст.

Диссертатсияи мазкур дар самти омӯзиши паҳлуҳои гуногуни забонӣ-фарҳангии лексикаи ҷавоҳирот ва сангҳои гаронбаҳо дар осори хаттии забони адабии тоҷикии асрҳои X-XII пажуҳиши нахустин ва мушаххаси илмӣ мебошад.

Аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки дар асоси ин таҳқиқ метавон фарҳанги махсуси вожаҳоро таҳия намуд. Инчунин, натиҷаҳои амалии таҳқиқи мазкур метавонад дар риштаҳои забоншиносӣ, фарҳангшиносӣ, таълифи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ ва барои шинохти лексикаи осори хаттии асрҳои X-XII мусоидат намояд. Ҳамчунин, бахшҳои алоҳидаи ин пажуҳиш метавонад дар таҳияи луғатҳои этимологӣ мусоидат намояд.

Маводи ин диссертатсия барои гузаронидани семинару курсҳои алоҳидаи бахши лексикология ва лингвокултурология, таърихи забони тоҷикӣ, таърихи забони адабии тоҷикӣ дар донишкадаҳои улуми филологӣ хидмат хоҳад кард.

Хулоса ва масъалаҳои ҳалталаби оид ба мавзуъ аз ҷониби диссертант дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқ дар 7 мақола, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дарҷ гардидаанд.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳо, арзиши илмии таҳқиқ, моҳияти мавзуи таҳқиқотӣ зикр ёфта, аввалин бор дар забоншиносии тоҷик вижагиҳои забониву фарҳангии вожагони ҷавоҳирот ва сангҳои гаронбаҳо дар асоси осори хаттии забони тоҷикии асрҳои X-XII мавриди таҳқиқи мушаххаси илмӣ қарор гирифтааст, ки дар таҳқиқи минбаъдаи гурӯҳҳои дигари вожагони ин давра мусоидат хоҳад кард. Инчунин, маводи диссертатсияи мазкур барои равшан намудани вижагиҳои маъноӣ ва сохтории бахшҳои дигари лексикии осори садаҳои мазкур созгор буда,

аҳаммияти илмиву амалӣ дорад. Дар ин рисола инчунин, аввалин бор пешванду пасвандҳои калимасози забони тоҷикӣ дар мисоли лексикаи ҷавоҳирот ва сангҳои гаронбаҳо, филизоти гаронарзиш, вожагони ифодагари ороишоти занона ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд. Илова бар ин, бори нахуст дар забоншиносии тоҷик вожагони ҷавоҳирот ва сангҳои гаронбаҳо аз нигоҳи решашиносӣ таҳқиқ гардидаанд.

Дар анҷоми хулосаи диссертасия натиҷаҳои таҳқиқоти ҳосилшуда дар якчанд банд ҷамъбаст шудааст.

Феҳристи адабиёт дар асоси меъёр ва талаботи муқарраргардида таҳия шудааст. Фишурдаи кор ва мақолаҳои нашркардаи унвонҷӯ фарогири мазмуну муҳтавои ин диссертатсия мебошанд.

Бо вуҷуди муваффақиятҳои зиёди муаллиф дар диссертатсия баъзе камбудиҳою ғалатҳо ба назар мерасад, аз ҷумла:

1. Дар матни диссертатсия ҷо-ҷо ғалатҳои имлоиву техникӣ мушоҳида мешавад, ки ислоҳи онҳо арзиши илмии диссертатсияро боло мебарад;

2. Саҳифаҳои ишорашуда дар мундариҷаи диссертатсия бо дохили матни он баъзан мувофиқат намекунанд;

3. Аз сабаби мисолҳои зиёди овардашуда ва васеъ гардидани ҳаҷми диссертатсия баъзе аз осори илмиву адабии осори садаҳои X-XII аз назари муаллиф дур мондаанд;

4. Дар саҳифаҳои 7, 8, 11, 43, 95, 149, 150, 153, 156, 158 ғалатҳои имлоӣ ба назар мерасад, ки ислоҳ мехоҳанд.

Камбудҳои зикршуда моҳияти илмии диссертатсияи илмиро кам намекунанд ва ислохшавандаанд.

Аҳаммияти таҳқиқ, навигариҳои илмӣ ва арзиши амалии диссертатсияро ба назар гирифта, комиссияи ташхис ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Каримов Самариддин Раҳматуллоевич зери унвони “Таҳлили лингвокултурологии лексикаи ҷавоҳирот ва сангҳои қиматбаҳо дар асоси осори хаттии забони адабии тоҷикии асрҳои X-XII”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст, пажуҳиши анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсиониии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Комиссияи ташхис дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатасияи Каримов Самариддин Раҳматуллоевич дар мавзуи “Таҳлили лингвокултурологии лексикаи ҷавоҳирот ва сангҳои қиматбаҳо

дар асоси осори хаттии забони адабии тоҷикии асрҳои X-XII”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D/КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мувофиқат мекунанд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Гадоев Нурхон** – доктори илми филология, профессори кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ;
- **Назаров Меҳрубон Ниёзмамадович** - номзади илми филология, муаллими калони кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав.

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** таъйин карда шавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илми филология, профессор,
узви Шурои диссертатсионӣ Шарифзода Ф. Х.

Аъзои комиссияи экспертӣ:
доктори илми филология, профессор,
узви Шурои диссертатсионӣ Назарзода С.

Узви вобастаи АМИТ, доктори илми
филология, профессор,
узви Шурои диссертатсионӣ Султон Ҳ. Б.
“22” **июни** соли 2023.